# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

барои рисолаи номзадии **Муродов Парвиз Худойдодович** дар мавзӯи "Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия.

Муродов П.Х., соли 2010 пас аз хатми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ бо ихтисоси «Системаҳои таъмини об ва партовобҳо», тибқи тақсимоти хатмкунандагон ба ҳайси муаллим-коромӯз дар кафедраи "Обтаъминкунӣ ва обихроҷӣ" ба кор қабул карда шудааст.

Кори илмиро Муродов П.Х. аз давраи донишҷӯӣ, баъдан аз давраи фаъолияти омӯзгорӣ ва дар вақти дар шуъбаи ғоибанаи аспирантураи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ оғоз намудааст. Ҳамзамон аз соли 2020 инҷониб вобаста ба гузаронидани ташхисҳои изотопҳои устувор, таҳлилҳои физикию химиявӣ ва сифати оби ошомиданӣ, бо дарназардошти истифода бурдани базаи озмоишии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ба ҳайси тадқиқотчӣ фаъолияти илмии худро идома додааст. Дар давраи фаъолияти кориаш инчунин дар вазифаи муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ дар факултети "Сохтмон ва Меъморӣ" то айни ҳол кор карда истодааст.

Кори илмии Муродов П.Х. асосан ба омӯзиши хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб, қонуниятҳои тағйирёбии маҷрои ҳавза дар шароити тағйирёбии иқлим, инчунин муайян намудани изотопҳои устувори оби ҳавзаи дарё бахшида шуда, якчанд тавсияҳо ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои оби ҳавзаи дарёи Варзоб пешниҳод гардидааст.

Дар баробари тахқиқотҳои назариявӣ, инчунин масъалаҳои актуалии қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва объектҳои иқтисодиёт ба захираҳои об, аз ҷумла дар асоси ворид намудани ноҳиябандии худудӣ ва бо ин васила баланд бардоштани сатҳи обтаъминкунӣ ва кам кардани талафоти об натиҷаҳои дилхоҳи аз лиҳози илман асоснок пешниҳод намудааст.

Дараҷаи баланди касбӣ ба ӯ имкон додааст, ки дар кори тахқиқотии худ аз усулҳои муосири халли масъалаҳои мураккаб истифода барад.

Дар раванди тахқиқоти илмӣ Муродов П.Х. қобилияти мустақилона анҷом додани корҳои тахқиқотӣ, назариявӣ ва

гузаронидани корҳои таҷрибавии васеъро дар соҳаи интихобкардаи тадқиқоти илмӣ нишон додааст.

Муродов П.Х. дар соҳаи низоми обтаъминкунӣ ва обихроҷӣ, инчунин истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об мутахассиси салоҳиятдор буда, аз лиҳози тадқиқотчӣ худро ҳамчун шахси меҳнатдӯст ва фидокорӣ хос нишон додааст.

Кори диссертатсионии Муродов П.Х. як қатор натиҷаҳои нави ҷолибро дар бар мегирад, ки эътимоднокии илмии онҳо бешубҳа баланд арзёбӣ мегарданд.

Натиҷаҳои кори илмии Муродов П.Х. дар маҷаллаҳои илмии «Политехнический вестник», “Паёми Донишгоҳи технологӣ” ва дигар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда, дар конфронсҳои илмию амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза гардидаанд.

Ман чунин мешуморам, ки рисола дар мавзӯи “Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб”, ба талаботи муқаррароти Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, Муродов П.Х. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои техникӣ,
дотсент Амирзода О.Ҳ.

Имзои Амирзода О.Ҳ. –ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ:

“___” ____________ 2022 с. Холназарова З.Д.

ИНСТИТУТИ МАСЪАЛАҲОИ ОБ, ГИДРОЭНЕРГЕТИКА ВА ЭКОЛОГИЯ * ИНСТИТУТ ВОДНЫХ ПРОБЛЕМ, ГИДРОЭНЕРГЕТИКИ И ЭКОЛОГИИ * ШУЪБАИ КАДРҲО * ОТДЕЛ КАДРОВ